**АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН**
**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ЗАХИРАҲОИ ГЕНЕТИКӢ**

# Т А В С И Я Н О М А
## ОИД БА МУТОБИҚШАВИИ РАСТАНИҲОИ ШИФОБАХШ ДАР ШАРОИТИ ВОДИГӢ

(Муродов Ш.С.)



**н. Рӯдакӣ – 2024**

**Муаллиф**: Муродов Ш.С. н.и.б. ходими илмии Шуъбаи зироатҳои сабзавотӣ, полизӣ, дарахтони мевадиҳанда, ангур ва растаниҳои шифобахшӣ ММЗГ-и АИКТ.

Тавсияномаи мазкӯр тибқи лоиҳаи фармоишӣ амалӣ гардида таҳти мавзӯъи "Ҷамъоварӣ ва омӯзиши намудҳои нодири растаниҳои шифобахши нишебиҳои ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор бо мақсади ғанӣ гардонидани коллексияи захираҳои генетикӣ", РҚД: 0119TJ00976 иҷро шуда, барои истеҳсолот аз он ҷумла: муассисаҳои фармасевтӣ ва хоҷагиҳое, ки бо парвариши растаниҳои шифобахш бо мақсади истеҳсол намудани ашёи хушкардашуда ва ташкили плантатсияҳои тухмии он машғуланд, пешбинӣ шудааст.

Дар тавсиномаи мазкӯр тавсифи умумӣ, хусусиятҳои биологию шифобахшӣ ва тарзи парвариши растаниҳои шифобахш пешниҳод шудааст.

Тавсиянома дар Шурои олимони Маркази миллии захираҳои генетикии АИКТ № 4 дар санаи 26.04.2024 барои чоп намудан тасдиқ карда шудааст.

**АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН**
**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ЗАХИРАҲОИ ГЕНЕТИКӢ**

Шуъбаи зироатҳои сабзавотӣ, полизӣ, дарахтони мевадиҳанда, ангур ва растаниҳои шифобахш

# Т А В С И Я Н О М А
## ОИД БА МУТОБИҚШАВИИ РАСТАНИҲОИ ШИФОБАХШ ДАР ШАРОИТИ ВОДИГӢ



**н. Рӯдакӣ – 2024**

# М У Н Д А Р И Ҷ А

1. Пешгуфтор...........................................................................................4

2. Мармарак - *Salvia sclarea* L..........................................................................6

3. Мармараки доругӣ - *Salvia officinalis* L..................................................7

4. Газнаи сагак - *Leonurus cardiac*.................................................................8

5. Ҳелба - *Trigonela foenum-graecum* L........................................................9

6. Қокутӣ - *Origanum vulgare* L...................................................................10

7. Панҷагул - *Potentilla anserina* L..........................................................11

8. Зарпоша - *Tanacetum vulgare*...................................................................12

*9.* Бандак (хома) - *Ephedra intemedia*........................................................13

*10.* Ниёзбу - *Mellisa officinalis* L................................................................14

11. Бодиён - *Foeniculum vulgare* mill..........................................................15

12. Пиёзи анзур (Allium L.)...........................................................................16

Хулоса ...............................................................................................................17

## Пешгуфтор

Афзоиши миқдори аҳолӣ, рушди соҳаҳои гуногуни истеҳсолот ва тағйирёбии иқлим на танҳо дар қаламрави ҷумҳуриамон, балки дар тамоми ҷаҳон таъсири манфии худро расонида истодааст, ки дар натиҷаи он косташавии захираҳои табиии растаниҳо ва гуногунии биологии онҳо дида мешавад.

То охири асри XIX аз растаниҳои шифобахш омода намудани (Фитопрепаратҳо) барои табобати бемориҳо дар ҷои аввал меистод, аммо баъдтар доруҳои синтетикӣ ҷои растаниҳои шифобахшро иваз намуданд. Бояд қайд кард, ки бо сабабҳои гуногун, аз ҷумла иқтисодиёт боз ҳам таваҷҷӯҳ ба растаниҳои шифобахш зиёд гардида истодааст.

Бесабаб нест, ки имрӯз дар бозори доруворӣ миқдори доруҳои аз растаниҳои шифобахш истеҳсол шуда тахминан 40 % умумии доруҳоро ташкил мекунанд ва ин раванд аз он далолат мекунад, ки ҳар сеюмин доруи дар бозори ҷаҳонӣ ба фуруш монда аз растаниҳои шифобахш истеҳсол мешавад.

Тибқи маълумотҳо табиати кишварамон бо шарофати иқлими мусоид аз гуногунии биологӣ ниҳоят ғанӣ мебошад ва дар қаламрави он беш аз 1500 намуди растаниҳои шифобахш мавҷуд мебошад, ки аз ин миқдор 150 тояш дар тибби анъанавӣ истифода бурда мешавад. Маълум аст, ки дар айни замон табобат бо ёрии маводҳои гуногуни гиёҳҳои шифобахш рӯз аз рӯз ривоҷу равнақ гирифта як қисми аҳолиро барои ҷамъоварии ашёи он шавқманд месозад. Аммо бояд қайд намуд, ки ҳангоми ҷамъоварӣ намудани ашёи растаниҳо аксари шахсон ба мӯҳлат ва меъёри ҷамъоварии он риоя наменамоянд ва ин ҳодиса на танҳо ба камшавии захираҳои табиии растаниҳои ҷамъоваришаванда меоварад, балки ба таназзули тадриҷии хок оварда расонида истодааст. Барои пешгирӣ намудани чунин ҳолат ба мо зарур аст, ки маълумоти саривақтиро доир ба мавҷудияти захираҳои ин ва ё он намуди растанӣ ба даст оварда тавонем, то ки гузаронидани чорабиниҳои гуногуни хоҷагидориро доир ба муҳофизат ва кумакрасонӣ ба азнавбарқароршавии табиии онҳо таҳия ва пешниҳод намоем. Одатан, чунин маълумотро бо роҳи гузаронидани таҳқиқоти илмӣ ва мониторинги ҳолати захираҳои мавҷудбуда ба даст оварда мешавад.

Дар даҳсолаҳои охир дар қаламрави ҷумҳуриамон як қатор корхонаҳои дорусозӣ таъсис дода шудаанд, ки бо мақсади таъмин намудани истеҳсолоти мазкур бо ашёи ватанӣ ва нигоҳ доштани гуногунии биологии захираҳои мавҷудбуда, киштзори сунъии

растаниҳои шифобахш аз манфиат дур нест. Аз ин лиҳоз баҳодиҳии намудҳои алоҳидаи растаниҳои нафъовар аҳамиятнок мебошад.

Барои фаъолияти устувории корхонаҳои дорусозии ҷумҳуриамон бо ашёи растаниҳои шифобахши ватанӣ ҷамъоварии микдори кофии он лозим аст, ки ҳамзамон ҷамъоварии мазкур захираҳои табиии қаламрави кишварамонро ба косташавӣ наоварад. Аз ин лиҳоз, тадкиқот доир ба омӯзиши хусусиятҳои хоси биологии растаниҳои Мармарак - *Salvia sclarea* L.*,* Мармараки доругӣ - *Salvia officinalis* L., Газнаи сагак - *Leonurus cardiac,* Ҳелба - *Trigonela foenum-graecum* L., Қокутӣ - *Origanum vulgare* L., Панҷагул - *Potentilla anserina* L., Зарпоша - *Tanacetum vulgare,* Бандак (хома) - *Ephedra intemedia*, Ниёзбу - *Mellisa officinalis* L. ва пиёзакҳои анзур имконияти ташкили киштзорҳои сунъии он дар Маркази миллии захираҳои генетикии АИКТ ҳам мақсаднок ва ҳам самаранок мебошад.

Бо мақсади ғанӣ гардонидани коллексияи бонки Маркази миллии захираҳои генетикии АИКТ аз тухми растаниҳои шифобахши аз байн рафтаистода, ки барои истеҳсоли равғанҳои эфирӣ васеъ дар тиб, саноати атриёт, дорусозӣ ва хӯрокворӣ истифода бурда мешавад, дар рафти сафарҳои хизматӣ аз дараҳои Ғажнӣ, Очуки ноҳияи Варзоб ва Шамали шаҳри Ҳисор тухми растаниҳои нодиру маҳфузмонда, ки баъзеашон ба китоби сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шудаанд, ҷамъоварӣ карда шуда, сипас дар қитъаҳои таҷрибавӣ кишт карда шуда, таҳти омӯзиш қарор дода мешаванд.







**Маълумоти мухтасар доир ба растаниҳои шифобахше, ки дар Маркази миллии захираҳои генетикии АИКТ парвариш карда мешаванд**

**Мармарак –Шалфей мускатный -** ***Salvia sclarea*** **L.**- Бо номҳои марвак, макмак, кампиргулак машҳур аст. Мармарак растании ду солаи алафӣ буда, ба оилаи лабгулҳо мансуб аст. Пояи рости дарозиаш аз 20 то 130 см. барги дилшакл ё байзашакли думчадор, гули хушбуйи гулобӣ, сафед ё кабуд ва меваи қаҳваранги бурӣ мудаввар дорад.

Дар тиб қисми болоӣ, барг ва гули мармарак истифода мешавад, ки онҳоро дар моҳҳои август-сентябр ҷамъоварӣ карда, дар ҷойҳои сояи барҳавои шамолрас, хушк мекунанд. Гиёҳи хушкшударо дар қутиҳо ё халтаҳои коғази то ду сол нигоҳ доштан мумкин аст.

Гиппократ ва Диоскорид марвакро «алафи муқаддас» шуморида онро барои безурёти тавсия медоданд.

Амирдавлат Амасиасий фармудааст, ки обҷӯши навдаю баргҳои мармарак ҳайзовар буда хусусияти подзахри дорад. Агар ширави онро нӯшанд ё ба захмҳо моланд шифо мебахшад. Обҷӯшаш забонгирифтагиро ё туталагии забонро рафъ месозад, хунбанд аст.

Агар бо обҷӯшаш баданро шӯянд хориши пӯстро нест мекунад. Агар онро бо май омехта истеъмол намоянд, аз бемориҳои гурда, массона, сурфа, камқувватӣ фоида мебахшад.

Дар тиббӣ мардумӣ дамхӯрдаи гули мармаракро ҳангоми дилзанӣ, бемориҳои гулую даҳон, шамолхурӣ ва ҳамчун руҳафзову ҳазми ғизо истифода мебаранд.

Чойи аз баргҳои хушкардаи он тайёр кардашударо ҳамчун исҳоловар, арақрону пешоброн истеъмол мекунанд. Куфтаи баргу гулашро барои муолиҷаи захмҳо ва меваашро барои муолиҷаи исҳоли хунин тавсия медиҳанд.




**Расмӣ**. Мармарак - *Salvia sclarea* L.

**Мармараки доругӣ – Шалфей лекарственый - *Salvia officinalis* L.** – Пояаш чор қирра рости баландиааш аз 50 то 110 см бо навдаҳои сершумору муякчаҳои сафед пушонда шудааст. Баргҳои дарозу тухмшакл, хокистарранги - сабз, зич бо муякчаҳо пӯшидашудаанд. Гулаш бо гулчини кабуди-бунафшранг мешавад. Тухмаш аз 4-тухми дарозруяи тухмшакл, рангашон аз ҷигарии равшан бо сиёҳчатоб иборат аст

Мармараки доругӣ ин як намуди мармараки бисёрсолаи аврупоист, ки ба шароити водии Ҳисор ва заминҳои он комилан мутобиқ шудааст. Он ҳам вазифаҳои ороишӣ ва ҳам шифобахширо иҷро мекунад, бо мақсади истеҳсоли равғанҳои эферии он, ки васеъ дар тиб ва саноати атриёт истифода бурда мешавад, дар қитъаҳои таҷрибавии Маркази миллии захираҳои генетикии АИКТ парвариш карда мешавад

Абуалии Сино навиштааст, ки мармараки давои гурдаҳоро сахт пок мекунад ва аз захми газидагии саги девона судманд аст.

Бо мақсадҳои табобатӣ, баргҳои мармараки доругӣ барои кам кардани араққи бадан, инчунин обашро ғар- ғара кардан барои дарди гулӯ ва илтиҳобии холигиҳои даҳон истифода мебаранд.

Тарзи истифодабарӣ:

2 қошуқи баргҳои мармараки доругӣ бо 2 пиёла оби ҷӯшонида рехта, 30 дақиқа тар кардан лозим аст. Дар зарфи болояш пушида, тоза (филтр) карда, дар як рӯз 3-4 маротиба ним пиёла гарм нушидан лозим.

Дар тиббӣ тибет онро барои муолиҷаи захмҳо ва дар Чин ҳангоми фишори баланди хун ва исҳоли хунин истифода мебаранд. Чойи аз баргҳои хушкардаи он тайёр кардашударо ҳамчун исҳоловар, арақрону пешоброн истеъмол мекунанд. Куфтаи баргу гулашро барои муолиҷаи захмҳо ва меваашро барои муолиҷаи исҳоли хунин тавсия медиҳанд.

Таркибаш аз витаминҳо бой буда иммунитетро баланд менамояд, системаи асабро мустаҳкам ва хотираро беҳтар мекунад.





**Расмӣ.** Мармараки доругӣ - *Salvia officinalis* L.

**Газнаи сагак – Пустырник сердечный - Leonurus cardiac** – растании бисёрсола буда ба оилаи лабгулҳо мансуб аст. Пояи рости дар қисми болоиаш ба ҳар тараф паҳншуда дорад. Дарозии пояаш то 2 м. мерасад. Танааш муякҳои бисёр дорад. Баргҳояш панҷашакл, дарозиашон то 14 см, барашон то 10 см ва гулҳои сурхи бунафш, баъзан сафеди дар поябарг ҷойгиршуда дорад. Меваaш байзашакл (2-3 мм.) мешавад.

Моҳҳои июн-июл (август) гул карда, август-сентябр мева мебандад. Дар тиб баргу пояи газнаи сагакро истифода мебаранд. Қисми болоии пойяро (30-40 см) бо баргаш чида, дар ҷои соя хушк менамоянд. Агар дар ҷои хушку шамолрас нигоҳ дошта шавад, аз он то се сол истифода бурдан мумкин аст.

Баргашро айёми ҷамъшавии алкалоидҳо (май-июн) чидан лозим аст. Газнаи сагакро аз замонҳои қадим истифода мебурданд. Мувофиқи маълумотҳои Амирдавлат Амасиаҷӣ агар онро дар об бо ҷав ҷӯшонда ба болои омосҳо гузоранд онҳоро шифо мебахшад. Ғайр аз ин озахҳоро рафъ месозад. Обҷӯшаш талхаи ғализро тунук мекунад.

Газнаи сагак фишори хунро паст карда, гардиши хунро мураккаб месозад ва хосияти нерубахшӣ дорад. Дар тиббӣ Хитой меваи онро чун пешоброн, давои касалиҳои чашм (глаукома) ва баргашро барои муоличаи маразҳои пӯст фоидабахш мешуморанд.

Газнаи сагак ҳамчун оромкунандаи кори асабҳо васеъ истифода мешавад. Онро барои суст кардани таҳрик, неврози қалбӣ ва фишори баланди хун истифода мебаранд.

Газнаи сагакро ҳангоми пайдо шудани дард дар торҳои асаби руй, касалии парадонтит (санги дандонҳо) ва ғайра истифода бурдан мумкин аст.




**Расмӣ.** Газнаи сагак - Leonurus cardiac

**Ҳелба – Пажитник - *Trigonela foenum-graecum* L**. - растании як сола буда, ба оилаи лубиёгиҳо - Fabaceae. дохил мешавад. Намояндагони машҳуртарини растании ҳелба (*Trigonella foenum*-graecum) ва пуст кабуд (*Trigonella caerulea*) мебошанд. Мувофиқи рӯйхати растаниҳо, ин навъ 95 намудро дар бар мегирад. Умуман, он дар бисёре аз кишварҳои ҷаҳон маъмул аст, аз ин рӯ, шумораи зиёди номҳо дорад. Ҳелба дар Аврупои ҷанубу шарқӣ, Ҳиндустон, Аргентина, Миср, Фаронса ва Марокаш мерӯяд, таъми хуши ҷолиб, каме талх ва бӯи махсус дорад, ки шабеҳи он нест.

Ҳелбаро бинобар бӯйи пуршидат доштанаш дар ҳама ҷо шинохтан ва парвариш кардан мумкин аст. Талаботаш ба гармӣ ва хоки гили зиёдтар мебошад.

Ҳелба мизоҷаш дар дараҷаи дувум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: баргашро бихӯранд, моддаҳои бегонаро дар дохили бадан мепазонад ва барои хориҷ шудан муҳайё месозад, дарунро мулоим мекунад, моддаҳои шахшуда ва варамҳои дохилиро шифо мебахшад, пешоб ва ҳайзро равон менамояд, барои бемориҳои аз хунуки сарзада даво мебошад, сурфаеро, ки сабабаш сарди бошад, таскин медиҳад, варами сипурз, дардҳои камар, ҷигар ва бачадонро дафъ мекунад, сардии хичак ва чакмезакро ба ислоҳ меоварад.

Барги онро куфта гузошта банданд, муйро мустаҳкам мекунад, моддаҳои зарарнокро пазонида, ба хориҷ шудан тайёр месозад, қуввати пушти камарро меафзояд, шушро қувват мебахшад.




**Расмӣ**. Ҳелба – *Trigonela foenum-graecum* L.

**Қокутӣ – Душица - *Origanum vulgare* L.** – дар баъзе маҳалҳо бо номҳои марв, ҳамешабаҳор, севинак, субинак машҳур аст.

Қокутӣ аз қабили растаниҳои бисёрсола буда, дарозиаш то 1 м мерасад. Тиррешааш ба решаҳои ба ҳар тараф паҳншуда дорад. Пояаш рости чорпараи сурхчатоб буда, баргҳояш дар баргпояҳои кутоҳ ҷойгир шудаанд.

Паҳлуҳои барг ҳамвор ва баъзан дандонадор мешаванд. Гулҳои майдаи рангашон сурхчаи сафедчатоб дорад. Гулҳо дар охири поя гулточҳои зич ҳосил мекунанд. Моҳҳои май - июл гул карда, август-сентябр мева мебандад. Қокутӣ дар даштҳо, доманаи кӯҳҳо, дар нишебию регзор дар канори ҷангалзор мерӯяд.

Дар тиб баргу пояи қокутиро истифода мебаранд. Баргу пояаашро ҳангоми гулкунӣ ҷамъоварӣ мекунанд. Дар ҷои сояи кушоди шамолрас хушк карда дар халтаҳои коғази ҷо мекунанд.

Қокутиро чун маводи шифоӣ аз замонҳои қадим васеъ истифода мебурданд. Абумансури Муваффақ, қокутиро барои муолиҷаи касалиҳои сипурз, ҷигар ва меъдаву руда фармудааст, ӯ асосан қокутиро давои илтиҳоби ҷигару меъда нишон медиҳад.

Дар тиббӣ мардумӣ қокутиро барои табобати касалиҳои мухталиф аз ҷумла, барои кушодашавии иштиҳо, чун балғамрону пешоброн, хобовар, рафъкунандаи ғаму андӯҳ, барои муолиҷаи касалиҳои асаб, фишори баланди хун ва ғайра истифода мебаранд.




**Расмӣ.** Қокутӣ - *Origanum vulgare* L.

**Панҷагул – Лапчатка - *Potentilla anserina* L.** - онро зоғпой ва борзад низ мегуянд.

Панҷагул ба оилаи растаниҳои бисёрсола дохил мешавад. Пояҳои фурухамидаи борике дорад, ки дарозиашон то 80 см мерасад. Баргҳои дарози ҷудо-ҷудои пармонанд дорад.

Азбаски баргҳояш ба монанди панҷа аз як ҷо баромада ба ҳар тараф паҳн мешаванд, ба он панҷагул ном додаанд. Паҳлуи баргҳо дандонҳои калон доранд.

Гулҳои хушбӯй, зарди баланди тока-тока дар гулпояҳои дароз чойгиршуда ва меваи байзашакл дорад. Панҷагул аз моҳи май то июл гӯл карда, моҳҳои август-сентябр тухм мебандад.

Дар тиб мева, баргу поя ва решаи онро истифода мебаранд. Меваашро дар тирамох, баргу пояашро дар айёми гулкуни ва решаашро аввали баҳор ё охири тирамоҳ ҷамъ мекунанд.

Абуалии Сино дар «Алқонун» фармудааст, ки панҷагул хунравиро қатъ мекунад, ҷароҳат ва дарди буғумҳоро шифо мебахшад. Обҷӯши решааш дарди дандон, дамкардаи баргаш, ки 30 рӯз дар шароб нигоҳ дошта шудааст сардардро рафъ месозад.

Амирдавлат Амасиатси навиштааст, ки бехреша ва решаи хушку куфташудаи он аз хунтуфкунӣ, исхоли хунин, дарди руда, бавосири хунрез фоидабахш аст. Шарбати он исхоли музминро шифо мебахшад ва аз бемории музмини шуш нофеъ аст.

Дар тиббӣ мардумии точик панчагул барои муолиҷаи бемории шуш, сил, хунтуфкунӣ, иллати ҷигару руда, илтиҳоби ҷигар, захми меъдаву руда, дар вакти пайдошавии дарди рахм, хайзи дарднок ва муолиҷаи тарбод истифода мешавад



**Расмӣ.** Панҷагул - *Potentilla anserina* L.

**Зарпоша – Пижма - *Tanacetum vulgare*** – бо номҳои шайтонкоса ва косаи гадо мегӯянд.

Зарпоша ба оилаи астровидҳо дохил шуда, растании алафии бисёрсола мебошад. Дар саросари Аврупо, Туркия, Ҷопон, Корея, Амрикои Шимолӣ ва Осиёи Марказӣ мерӯяд, ки 167 намудро дар бар мегирад, аз ин 30 намудаш дар Руссия мерӯяд.

Баландии пояаш 50-150 см, растани бӯи хос дошта пояҳои сершумор рости паҳлӯӣ шохадор мебошанд. Баргҳои алтернативии дарозруяк тухмдор бо 5-12 ҷуфти дарозрӯя, нугтез баргҳои поёни бошад нишастаанд. Гулҳои хурди мунтазам зарди ба мисли сабад ҷамъшуда мебошанд.

Зарпоша барои табобати бемории бавосир ва қабзият истифода мебаранд. Азбаски зарпоша хусусияти пешоброни дорад, онро барои бемориҳои масона ва гурдаҳо низ истифода мебаранд.

Ҳамчун доруи зидди антигелминт, 1/2 – 1/3 пиёла 2 – 3 бор дар як рӯз 15 дақиқа пеш аз хӯрок истеъмол намудан фоида бахш мебошад.

Ба чунин шахсон истеъмоли зарпоша ман аст.

- занони ҳомиладор (бо сабаби хатари бачапартоӣ)
- кӯдакони хурдсол ( то 9 сола)
- дар ҳолати санг будан дар талхадон
- захм будан дар меъда
- беморони гипертония (фишорбаландӣ)






**Расмӣ.** Зарпоша - *Tanacetum vulgare*

**Бандак (хома) - Эфедра средня - *Ephedra intemedia*** – гиёҳи бисёрсола буда, онро инчунин чилбанд, бандак, буғумбанд, ва пои кафтар низ мегуянд.

Баландияш то 30- 40 см буда, ба оилаи чилбандиҳо мансуб аст. Ду навъи поя спораовар (самаровар) нашвӣ (бесамар) дорад. Пояи самаровари чилбанд рости бешоху барг, бур ё сурхтоби сершира буда, хушаи спорадор дорад. Аввалҳои баҳор қад кашида, баъди расидани спора апрел - май хушк мешавад. Пояи нашвии чилбуғум рост ва сабзи сершох буда аз 6 то 12 банд дорад ва то 60 см кад мекашад.

Қисмати доругии чилбанд пояю шохчаҳои сабзи он мебошад. Онро дар тамоми фасли тобистон, ҳангоми ҳавои хушк ҷамъоварӣ менамоянд, зеро намноки гиёхро зуд сиёҳ мегардонад. Баъд аз ҷамъ кардан, шохаҳои зардшуда ва дигар узвҳои вайроншудаи растаниро ҷудо карда, қисми тозаи онро дар ҷои хушку гарми шамолрас хушк мекунанд. Растании хушкшударо дар халта ё қуттиҳои коғази ҷой дода, аз он муддати 4 сол истифода мебаранд.




**Расмӣ.** Бандак - *Ephedra intemedia*

**Ниёзбу - Лимоник (мелиса) - *Mellisa officinalis* L.** – Онро ниёзбу, бодранчбуя, райҳони кухӣ ва лимукаҳак низ мегуянд. Гиёҳи бисёрсолаи атрогини хушбуест, ки ба оилаи лабгулҳо мансуб аст. Пояи чорқираи росту сершохчаи бо муякҳои маҳин пушида шудааст, баландиаш аз 50 то 120 см. мерасад. Баргаш байзшакл буда, парраҳояш дандони арраро мемонад.

Гулаш майдаи зардфом, гулобӣ ё сафед мешавад. Меваааш байзашакли бурнамо буда, дар ғилофакҳо пухта мерасад. Дар моҳҳои июн-июл гул мекунад ва июл-август мева мебандад.

Ниёзбуро аз замонҳои қадим ҳамчун растании шифоӣ истифода мебурданд. Абумансури Муваффақ менависад, ки «Бодранчбуя» хафақонро, ки аз хунукӣ сар мезанад, нек буда, тарсу дилтангиро рафъ менамояд, дилро қавӣ мегардонад. Инчунин, даҳонро соф, яъне хушбуй намуда, балғамро рафъ менамояд, ба чашмон нур бахшида иллати меъдаву ҷигарро шифо мебахшад.

Абуалии Сино менависад, ки ниёзбу андар дараҷаи дуввум гарму хушк аст. Ниёзбу зехнро рушан, даҳонро хушбуй, рухро орому болида, кувваи ҳазми ғизоро дар меъда афзун менамояд.

Ниёзбуро инчунин дар тиббӣ мардумӣ васеъ истифода мебаранд. Аз ҷумла М. Хоҷиматов (1989) менависад, ки дар тиббӣ мардуми точик баргҳои хушк кардашудаи ниёзбуро чой карда ҳар саҳар як пиолагӣ ҳамчун иштиҳоовар менӯшанд.





**Расмӣ.** Ниёзбу - *Mellisa officinalis* L.

**Бодиён - Фенхель обыкновенный - *Foeniculum vulgare* mill** - Растании як ё бисёрсола буда, баландиаш аз як то ду метр мерасад, ба оилаи чатргулҳо дохил мешавад. Решааш ғафсу камшохи пармашакл аст. Гулаш хурд ва зарди баланд буда дар моҳҳои июн-август мешукуфад. Меваи бодиён силиндршакл буда (дарозиаш 10-14мм, бараш 3-4мм), моҳи сентябр пухта мерасад.

Меваҳои бодиёнро асосан барои истеҳсоли равғани эфирӣ истифода мебаранд, ки 60% онро анетол ташкил медиҳад. Анетол дар саноати дорусозӣ, хӯрокворӣ ва собунпазӣ васеъ истифода мешавад.

Бодиён ҳамчун растании шифобахш аз қадимулаём маъмул аст. Мувофиқи навиштаҳои Абумансури Муваффақ, бодиён шири модаронро афзуда, обравии чашмҳоро боздошта, нури онҳоро меафзояд. Шираи бодиён ба бемории ҷигар ва захмҳо судбахш аст. Тухму решааш дами рӯдаҳоро паст карда, бодро меронад.

Бодиён пешоб ва хуни ҳайзро битезонад, бодиён барои муолиҷаи касалиҳои чашм, банди пешоб, санги пешобдон, чакидани пешоб, илтиҳоби пардаи луъоби меъда (гастрит) суд бахшад. Агар бехи бодиёнро бо тухмаш бихӯранд шикамро бибандад.

Мевааш дарди чашмро шифо бахшида, шири модаронро зиёд мекунад. Обҷӯши решааш пешоброн буда, сангҳои обгаҳро майда карда бандҳои ҷигарро мекушояд.

Дар тиббӣ мардумӣ асосан реша, мева ва шоху барги он истифода бурда мешавад. Аз баргу гули хушкӣ он чой, аз решаву мевааш обҷӯш тайёр карда, онро ба беморони ихтилоҷӣ руда, дарди меъда мефармоянд. Тухми бодиёнро барои табобати касали ҷигару талхадон истифода мебаранд, Истеъмоли меваи бодиён ба беморони дарди сар даво мебахшад.




**Расмӣ.** Бодиён - *Foeniculum vulgare* mill

**Пиёзи анзур (Allium L.)** - Растании бисёрсолаи алафи буда ба оилаи чатргулҳо мансуб буда, баландии пояааш то 80 см мерасад. Дорои як бехпиёзи гирдшакл буда давраш 2-4 см ро ташкил медиҳад ва бо пустлохи нуқрафом печида шудааст. Гулҳояш дар шакли чатр ҷамъ омадаанд ва дар моҳи апрел шукуфта , моҳи июн тухм мебанданд.

Ғайр аз ин  муайян гардидааст, ки ба гурӯҳи пиёзи анзур инчунин як идда пиёзҳои ёбоии дигар, ки аз рӯи хусусиятҳои биологию морфологияшон ба ҳам монанданд аз ҷумла пиёзи сернавда *Allium. stipitatum Regel.*, пиёзи Суворовӣ *Allium suvorovii Regel.*, пиёзи азимҷуса *Allium gigantheum Regel.* ва пиёзи намуди Ошанин *Allium oschaninii* дохил мешаванд.

Барои табобат асосан бехпиёзи онро истифода мебаранд. Барои ин бехпиёзашро дар моҳҳои апрел ва май ҷамоварӣ намуда дар шароити хона хушк мекунанд ва пас онҳоро дар зарфҳои шишагин ва халтаҳои қоғазӣ то 3 сол нигоҳ медоранд.

Дар тиббӣ мардуми онро барои муъолиҷаи зиёда аз си намуди бемори истифода мебаранд. Аз ҷумла онро барои табобати саратони майнаи сар, нерӯбахшии биноӣ, бемории сар, дарди нимсара (мегрен), фалаҷи асаби рӯй,бемориҳои роҳҳои нафас, шамолхӯри, сурфаи музмин истифода мебаранд.

Онро инчунин, ҳамчун маводи иштиҳоовар, тавқият бахши меъда, пешоброн, ҳазмовари ғизо, илтиҳоби пешобдон, санги пешобдону гурдаҳо, буғумдард, балғамкан ва инчунин барои табобати безуриётии занону мардон ҳамчун нерӯбахшу қувватбахш барои мардони сустмиён истифода мебаранд.

Дар замони мо ин навъи пиёзҳо асосан ҳамчун растании ороиши барои чатргулҳои бениҳоят зебояшон истифода мешаванд. Бехпиёзҳояшон бошад аслан маззаи шалғамчаро дошта онҳоро дар шакли тару тоза истеъмол намудан мушкил аст, зеро, ки аз онҳо бӯйи ноффорам, ки бо диаллилдисулфидҳои таркиби равғани атрияш ва сапонинҳои он вобастагии зич доранд ба амал меояд. Ҳангоми консервакунонӣ бошад ин маводҳо вобаста банигоҳ доштани бехпиёзакҳо дар маҳлули намакин муддати 30 -50 рӯз хориҷ гашта онҳо хушхӯр мегарданд.




**Расмӣ.** Пиёзи анзур (Allium L.)

## ХУЛОСА

Дар тавсияномаи мазкӯр оид ба ҷамъоварӣ, нигоҳдории тухмиҳо, ташкил додани коллексияҳо (плантатсияҳо), ғанӣ гардонидани фонди захираҳои генетикии Бонки миллии генетикӣ ва омӯзиши аломатҳои биологии намудҳои растаниҳои шифобахш ва намудҳои пиёзи анзур пешниҳод шудааст.

Тухмиҳое, ки ҷамъоварӣ карда мешаванд, пас аз омӯзиш дар генбанки ММЗГ нигоҳ дошта мешаванд, ки дар оянда ҳамчун маводи аввалия барои ташкил намудани плантатсияҳо ба генетикҳо, селексионерҳо, муассисаҳои илмӣ тадқиқотӣ ва хоҷагиҳое, ки бо парвариши растаниҳои шифобахш машғуланд, хизмат менамояд.







Марказ - 2024